ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «04» 08 соли 2025 № 274/уи ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани додани унвони илмии дотсент ба Хасанова Т.Г.

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 тасдиқ шудааст ва бандҳои 33, 34 сархати дуюми банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Дархости Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09 июли соли 2025, №310/003818, «Дар бораи ба Хасанова Тахмина Гаюровна додани унвони илмии дотсент бинобар риоя нагардидани талаботи сархати чоруми банди 10 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) рад карда шавад.
2. Пешниходи такрории парвандаи аттестатсионии Хасанова Тахмина Гаюровна пас аз 1 (як) сол аз санаи ба тавсиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Вализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2025, №8

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ